УДК 338.47: 656.08(575.3) DOI 10.66691/DTFW7428

БАҲОДИҲИИ ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Саъдуллозода Сафарбек Саъдулло

номзади илмҳои иқтисодӣ дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 918-20-04-20, почтаи электронӣ: safarbek_8888@mail.ru

Дар мақола яке аз масоили дар шароити муосир мубрам мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф низоми бонкиро таҳқиқ намуда, паҳлуҳои мухталифи онро дар ҳамбастагӣ бо шароити муосири иқтисодӣ баррасӣ ва таҳлил намудааст. Дар рафти таҳқиқ мушаххас карда шудааст, ки низоми бонкӣ ҷараёни фаъолияти ташкилотҳои қарзиро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ фаро гирифта, мукаммалгардонии он метавонад, ки фаъолияти самараноки иқтисоди миллиро замина гузорад. Инчунин, муаллиф ҳолати рушди низоми бонкиро таҳлил намуда бо истифода аз усулҳои мухталиф ҷараёни фаъолияти ташкилотҳои қарзиро баҳогузорӣ кардааст. Дар маҷмӯъ, мақола фарогири ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳолати муосир ва имкониятҳои рушди минбаъдаи онро баҳогузорӣ намудааст, илова ба ин муаллиф вобаста ба такмилёбии низоми бонкӣ ва болоравии нишондиҳандаҳои молиявии он пешниҳодҳои муфид тавсия намудаанд, ки истифодаи онҳо дар низоми бонкӣ аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Калидвожаҳо: бонкҳо, низоми бонкӣ, хазматрасониҳои бонкӣ, маҳсулотҳои бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, менеҷменти бонкӣ, сифати хизматрасониҳо, сармояи бонкӣ, амалиёти бонкӣ, инноватсияи бонкӣ.

ОЦЕНКА ТЕКУЩЕГО СОСТОЯНИЯ РАЗВИТИЯ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Саъдуллозода Сафарбек Саъдулло

кандидат экономических наук, доцент кафедры финансы и страхование Таджикского национального университета, Таджикского национального университета, 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: 918-20-04-20, эл.почта: safarbek_8888@mail.ru

В статье изучается одна из актуальных проблем современности. Автор исследовал банковскую систему, рассмотрел и проанализировал её различные аспекты в связи с современными экономическими условиями. В ходе исследования было уточнено, что банковская система охватывает деятельность кредитных учреждений на рынке банковских услуг, и её совершенствование может заложить основу для эффективного функционирования национальной экономики. Также автор проанализировал состояние развития банковской системы и оценил деятельность кредитных учреждений с использованием различных методов. В целом, статья охватывает организационно-экономические аспекты развития банковской системы в Республике Таджикистан, оценивает её текущее состояние и возможности дальнейшего развития, а также дает полезные рекомендации по совершенствованию банковской системы и повышению её финансовых показателей, использование которых в банковской системе не будет бесполезным.

Ключевые слова: банки, банковская система, банковские услуги, банковские продукты, кредитные учреждения, банковское управление, качество услуг, банковский капитал, банковские операции, банковские инновации.

ASSESSMENT OF THE CURRENT STATE OF BANKING SYSTEM DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Sadulozoda Safarbek Sadullo

associate Professor, Department of Finance and Insurance, Tajik National University, Tajik National University, 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: 918-20-04-20, Email: safarbek_8888@mail.ru

This article examines a pressing contemporary issue. The author investigates the banking system, analyzing its various aspects in the context of current economic conditions. The study clarifies that the banking system encompasses the activities of credit institutions within the banking services market and that its improvement can lay the foundation for the effective functioning of the national economy. Furthermore, the author analyzes the state of the banking system's development and evaluates the performance of credit institutions using various methods. Overall, the article addresses the organizational and economic aspects of banking system development in the Republic of Tajikistan, assesses its current state and future potential, and offers useful recommendations for improving the system and enhancing its financial performance—recommendations that would be valuable to implement within the banking sector.

Keywords: banks, banking system, banking services, banking products, credit institutions, banking management, service quality, banking capital, banking operations, banking innovations.

Пешгуфтор. Дар вазъияти кунунии иқтисодӣ низоми бонкӣ аз муҳаррикҳои асосӣ ва калидие мебошад, ки ба ҷараёни фаъолияти низоми хоҷагидории мамлакат таъсир расонида, асоси воқеиро барои рушди устувор замина мегузорад. Пешрафт, тақвият ва таҳкимёбии пояҳои асосии иқтисоди миллӣ ва татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ ва сиёсати фискалӣ аз густариши раванди фаъолияти низоми бонкӣ вобаста мебошад. Бунёди низоми бонкии рушдёфта ва таҳкими асосҳои институтсионалии он дар меҳвари сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифта, сохтори институтсионалии он давра ба давра пешрафт гардидааст.

Ҳадафи таҳқиқот. Ҳадафи асосии мақола таҳқиқи асосҳои институтсионалӣ ва ташкиливу иқтисодии низоми бонкӣ ва мушаххаснамоии мавқеи ташкилотҳои қарзӣ дар рушди иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегардад.

Методология. Баро ноил гардидан ба ҳадафи гузошташудаи таҳқиқоти мазкур равишҳои мухталифи назариявӣ ва методологӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Зимни таҳқиқот аз аз таҳлили муқоисавӣ, усулҳои оморӣ, таҳлилҳои институтсионал ва ғайраҳо истифода шудаанд.

Қисмати асосӣ. Мавқеи низоми бонкӣ дар таҳкими муносибатҳои молиявию иқтисодӣ аҳамияти калидӣ дошта, барои ба роҳ мондани фаъолияти пурсамари дигар субъектҳои иқтисодӣ ва ҳисоббаробакуниҳои мухталиф таъсири мусбӣ дорад. Дар низоми хоҷагидории муосир низоми бонкӣ на танҳо ҳамчун сармоягузори асосӣ метавонад баромад намояд, балкӣ ҷараёни ҳисоббаробаркуниҳоро пурра ба зимма дошта, муносиботи молиявиро миёни субъектҳои итқисодӣ ба роҳ мемонад. Масъалаи муҳим дар ҷараёни фаъолияти низоми бонки ин миёнаравии молиявӣ маҳсуб аст, ки дар ин замина маблағҳои озоди аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзӣ ҷалб гардида, низоми мушаххаси ҳамкорӣ бо субъектҳои иқтисодӣ ба роҳ монда мешавад. Ин раванд на танҳо барои ташкилотҳои қарзӣ, инчунин барои ашхоси пасандогузор низ манфиатнок мебошад. Дар навбати аввал, ташкилотҳои қарзӣ маблағҳои муваққатан озодро барои таъмини гирдгардишии иқтисодӣ ба низоми хоҷагидорӣ равона месозанд ва шахсони пасандозгузор бошад бидуни мушкилӣ маблағҳои худро ҳамчун сармоягузор ба ташкилотҳои қарзӣ мегузоранд, ки дар натиҷа рушди устувори бахшҳои мухталиф метавонад таъмин гардад.

Татбиқи фаъолияти густурдаи низоми пардохтии кишвар, ки аз муҳимтарин механизми иқтисоди миллӣ мебошад, ба ӯҳдаи низоми бонкӣ вогузор гардидааст, ки ба роҳ мондани фаъолияти самараноки онро ба таври мустақим танзим ва назорат менамояд. Фаъолияти фарохи низоми пардохтӣ дар ҳар як кишвари алоҳида метавонад, ки дар баробари роҳандозии ҳисоббаробаркуниҳои дохилӣ барои татбиқи ҳисоббаробаркуниҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ заминаи заруриро таҳия созад.

Мавриди қайди махсус аст, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи ҳассос ва мураккаберо пас аз истиқлоли давлатӣ аз сар гузаронидааст. Аз замони ба даст овардани истиқлоли давлатӣ мушкилиҳои институтсионалӣ низоми бонкиро фаро гирифта, роҳи рушди онро бо мушкилоти мухталиф гирифтор намуд. Мавҷуд набудани заминаи мустақили ҳуқуқӣ, гирифтор гардидан ба буҳрони молиявӣ ва ҷой надоштани низоми миллии молиявӣ

имкон намедод, ки низоми бонкӣ рушд ёбад ва пояҳои бунёдии он устуор гардонида шавад. Дар ин замина коркарди санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, таҳияи низоми миллии пулӣ ва ташкли бозори молиявии миллӣ аз ташаббусҳои Ҳукумати кишвар буд, ки барои тақвияти минбаъдаи низоми бонкӣ замина гузошт. Роҳи рушди низоми бонкӣ дар кишвар пас аз ба муомилот баровардани пули миллӣ сомонӣ (октябри соли 2000) БМТ сиёсати пулию қарзиро ба таври комил татбиқ намуда, барои пешрафти минбаъдаи низоми бонкӣ асос гузошт.

Дар солҳои минбаъда низ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди низоми бонкиро дар меҳвари сиёсати иқтисодӣ қарор дода, баҳри такмилёбии он тадбирҳои мушаххасеро рӯйи кор оварда, ки роҳи рушдро дар ин самт ҳамвор намуд. Рӯйи кор омадани «Стратегияи рушди низоми бонкии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015»- ро ба вижа бояд қайд намуд. Зеро ин санади мазкур баҳри такмили пойгоҳи институтсионалии низоми бонкӣ кӯмак намуда, барои дар сатҳи нав қарор гирифтани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ шароит муҳайё намуд. Стратегияи дар боло овардашуда имконияти комилеро барои ташкили фазои мусоиди кории ташкилотҳои қарзӣ фароҳам оварда, заминаи институтсионалиро боз ҳам мустаҳкам гардонид. Алалхусус, пас аз татбиқи стратегияи мазкур санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо»)* дар низоми бонкии мамлакат такмил ёфтанд.

Натиҷаҳо. Таҳқиқотҳо собит менамоянд, ки дар асоси рушду нумӯи динамикии низоми хоҷагидории мамлакат ва тақвиятёбии низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, то ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун институтҳои дорои хусусиятҳои вижа ва таҳрикбахшандаи иқтисодӣ воқеӣ рушд ёфта, ба ҷараёни пешрафти дигар бахшҳо низ таъсири мусбӣ расонид.

Метавон қайд намуд, ки айни замон низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави рушди қарор гирифтааст ва зина ба зина нишондиҳандаҳои молиявии он афзоиш меёбанд (ҷадвали 1).

Масъалаи мубраме, ки аз оғози ташаккулёбии низоми миллии бонкдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили таҳкими иқтисоди воқеӣ дониста мешуд ва дар меҳвари сиёсати иқтисодии давлат қарор дошт, тавсеаи сохтори институтсионалии низоми бонкӣ арзёбӣ мегардад. Таҳлилҳо инъикосгари онанд, ки шумораи зиёди институтҳои молиявию қарзӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти низоми бонкӣ густурда гардида, сатҳи рақобат дар саросари кишвар риоя гардад. Рушди шумораи ташкилотҳои қарзии дар низоми бонкӣ амалкунанда барои бонкҳои марказӣ имконияти идоракунии беҳтарро ба вуҷуд оварда, нигоҳдории сатҳи тамаркунзи дороиҳои бонкиро таъмин менамоянд.

Тамаркузи дороиҳои низоми бонкӣ ба якчанд бонки низомсоз фаъолияти бонкҳои тиҷоратии дигарро ба тангно бурда, имкон намедиҳад, ки бо онҳо рақобати солимро ба роҳ монанд. Аз ин нуқтаи назар, ташкили сохтори интисттусионалии густурда ва дорои шумораи зиёди институтҳои молиявию қарзӣ рақобати шаффофро ба вуҷуд оварда, дастрасии муштариёнро ба маҳсулотҳои бонкӣ меафзояд. Ҳангоми таҳдиди буҳронҳои молиявӣ низ сохтори тавсеаёфтаи низоми бонкӣ устуворӣ нишон дода, метавонад, ки бидуни камтарин осеб суботи молиявиро нигоҳдорӣ намояд.

Рушди динамикии нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз таъсири омилҳои дохиливу берунӣ ва таъсири буҳронҳои гуногуни молиявию иқтисодӣ аз таҳкимёбии пояҳои институтсионалии он гувоҳӣ дода, роҳи рушди устуворро барои пешрафти минбаъдаи ташкилотҳои қарзӣ ҳамвор менамояд.

Зимнан, зарур аст қайд намоем, ки идоракунии қисми зиёди дороиҳои низоми бонкӣ аз ҷониби якчанд бонкҳои тиҷоратии низомсоз метавонад ба олигополия оварда расонад ва хавфи системавиро дар низоми молиявӣ ба вуҷуд оварад. Дар ин самт бояд ташкилотҳои қарзии хурд ва бонкҳои тиҷоратии минтақавӣ афзоиш дода шаванд, зеро бонкҳои тиҷоратии дорои сармояи зиёд бештар бо соҳибкорӣ ва лоиҳаҳои бузург сарукор доранд, ки омил ба соҳибкории хурду миёна таъсири манфӣ дорад.

Ҷадвали 1. Таҳаввулот ва заминаҳои институтсионалии рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳои бунёдӣ	вазъи муосири низоми бонкӣ, маҷмуъан
Таҳкими устуворӣ ва афзоиши сармоя	Суботи молиявӣ таъмин гардида истодааст, ҳиссаи қарзҳои ғайриқолабӣ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ коҳиш ёфтааст ва капитализатсияи ташкилотҳои қарзӣ афзуд истодааст.
Тақвияти эътимоднокӣ	Тадриҷан зиёдгардии пасандозҳои аҳолӣ дар ташкилотҳои қарзӣ дида мешавад, ки аз болоравии сатҳи эътимоднокии ташкилотҳои қарзӣ ва таҳкими боварии аҳолӣ ба ин сохтор дарак медиҳад.
Таҳаввулот дар самти рақамикунонии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ	Айни замон вобаста ба рушди татбиқи бонкдории мобилӣ ва пардохтҳо тариқи онлайн Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақа яке аз мавқеҳои намоёнро ишғол менамояд.
Гузариш ба низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ	Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ давра ба давра рушд ёфта истодааст (алалхусус хизматрасониҳои давлатӣ, бонкӣ, комунналӣ, гумрук ва ғайраҳо)
Рушди пешниҳоди воситаҳои қарзӣ ба иқтисодиёт	Дастрасии аҳолӣ, субъектҳои иқтисодӣ ва дигар муштариён, махсусан соҳибкории хурду миёна ба қарзҳо афзуда истодааст (рушди қарзҳои истеъмолӣ ба назар мерасад).

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [2]

Таҷрибаи ташкили бонкҳои тиҷоратии минтақавӣ дар низоми бонкии кишвар вуҷуд надорад ва ин ба назари мо бояд аз ҷониби БМТ бознигарӣ карда шавад. Бо таҷдиди назар намудани сармояи оинномавӣ барои бонкҳои тиҷоратии минтақавӣ ташкили чунин институтҳои молиявӣ ба манфиати иқтисоди миллӣ буда, дастрасии сармояро барои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ дар минтақаҳои кишвар фароҳам меорад (ҷад.2).

Ҷадвали 2. Ташаккулёбии воҳидҳои сохтории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000-2025 (бо адад)

Солҳо	Ташкилотҳои қарзӣ дар маҷмуъ	Бонкҳои тиҷоратӣ + исломӣ	ТАҚХ,ТҚХ, ФҚ	Шарҳи мухтасар оид ба заминаҳои рушди сохтори низоми бонкӣ
2000	15	12	3	Ташаккулёбии сохтори дузинагии бонкдорӣ, ки барои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ шароит фароҳам овард (қабули ҚҶТ “Дар бораи бонкҳои ва фаъолияти бонкӣ”.
2005	40	12	28	Рушди бахши микроқарзҳо баъд аз қабули ҚҶТ “Дар бораи ташкилотҳои қарзии хурд”.
2010	137	14	123	Рушди динамикии шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки бо қонунгузорӣ алоқаманд мебошад.
2015	123	17	106	Афзоиши муомилоти молиявӣ ва бавуҷудоии хавфҳои мухталиф.
2017	102	16	86	Оғози буҳрони молиявӣ-бонкӣ
2020	73	17+1	55	Ба вуҷуд омадани нахустин бонки исломӣ ҶСК “Тавҳидбонк”.
2022	64	14+1	50	Фаъолияти муътадили низоми бонкӣ.
2023	63	14+1	47	Суботи низоми бонкӣ, зиёдшавии дороиҳои бонкҳо
2024	65	15+1	48	Табдилёбии ташкилотҳои қарзии хурд ба бонкҳои тиҷоратӣ.
2025	69	18+1	50	Рушди бемайлон ва афзоишёбии воҳидҳои сохтории низоми бонкӣ.

Сарчашма: Бокдорӣ ва сиёсати пулию қарзи (1991-2011). Нашри аввал. Душанбе, "Эр-граф", 2011, - 176 с., с. 164. Блютени омори бонкӣ, 2025, № 12, - 127с.,с. 87.

Агар ба ҷадвали 2 таваҷҷуҳ намоем, бармало маълум мегардад, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти муҳими иқтисодӣ пас аз солҳои 2000-ум рушди устуворонаро соҳиб гардида, шумораи ташкилотҳои молиявию қарзӣ рӯ ба инкишоф

ниҳодаанд. Соли 2000 шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар саросари кишвар ба 15 адад мерасид ва ин нишондиҳанда дар соли 2005 то ба 40 адад расид, ки 2,6 маротиба афзоишёбӣ дида мешавад. Агар соли 2010 – ро нисбат ба соли 2005 қиёс намоем, дида мешавад, ки шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар муддати 5 сол ба ҳадди 3,4 маротиба афзудааст. Дар ин муддат афзоишёбии бемайлони шумораи институтҳои молиявиро метавон бо рушди заминаҳои институтсионалӣ ва таҳкимёбии муносибатҳои молиявию қарзи дар кишвар пайванд дод. Бо таъсиси пойгоҳи меъёрӣ барои ташкилотҳои маблағгузории хурд ва такмилёбии қонунҳои соҳавӣ раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба танзим дароварда шуд. Аз соли 2015 то соли 2025 дар сохтори институтсионалии низоми бонкии кишвар коҳишёбии шумораи ташкилотҳои молиявию қарзӣ мушоҳида гардид, ки қисми зиёди коршиносон ин омилро бо буҳрони молиявию иқтисодие, ки фарогири қисми зиёди иқтисоди ҷаҳон буд, алоқаманд медонанд. Соли 2020 дар сохтори низоми бонкии кишвар, махсусан бонкҳои тиҷоратӣ таҳаввулоти назаррас ба вуқӯъ пайваст. Ба фаъолият шурӯъ намудани ҶСК “Тавҳидбонк” *(аз 17 сентябри соли 2019 ҳамчун нахустин бонки исломӣ дар Тоҷикистон фаъолият мекунад)* сохтори институтсионали низоми бонкиро боз ҳам такмил дода, раванди муносибатҳои молиявию қарзиро дар бозори молиявӣ таҳким бахшид.

Муҳокима. Бо рушди сохтори институтсионалии низоми бонкӣ нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ низ афзоиш ёфта, ҷиҳати таъмини иқтисодиёт бо захираҳои пулӣ заминаи заруриро фароҳам оварданд, ки боиси пешрафти соҳаҳои мухталиф гардид. Аз ҷумла, таҳкимёбии меъёри кифоятии сармоя, тақвиятёбии ҳолати пардохтпазирӣ, болоравии сатҳи даромаднокӣ аз дастовардҳои низоми бонкӣ ба шумор мераванд, ки давоми солҳои 2016-2025 ба он ноил гардидааст (ҷадв.3).

Маълумотҳои омории дар ҷадвали 3 овардашуда инъикосгари фаъолияти низоми бонкии кишвар дар давоми солҳои 2016-2025 мебошад, ки фарогири паҳлуҳои мухталифи фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва умуман низоми бонкӣ мебошад. Бо таҳлили ҷадвали овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар давоми солҳои таҳқиқшаванда вазъи молиявии устуворро соҳиб гардида, ба давраи нави рушд ворид гардидааст. Нишондиҳандаҳои устувории молиявии солҳои 2016-2025 собит мекунанд, ки низоми бонкӣ давраи буҳрониро аз сар гузаронида, суботи молиявиро тақвият бахшидааст. Беҳбудии куллӣ дар нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ ба назар мерасад, ки аз фаъолияти густурда ва фарохи институтҳои молиявӣ гувоҳӣ медиҳад. Таҳлили маълумотҳои дар боло овардашуда ошкор менамояд, ки давоми солҳои 2016-2025 ҳолати молиявии низоми бонкии кишвар беҳбуд ёфта, сифати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ тақвият ёфтааст. Беҳтаргардии вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ ба коҳишёбии ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол оварда расонидааст ва ин нишондиҳанда дар соли 2025 нисбати соли 2016 то ба ҳадди 40,6% поён рафтааст. Агар соли 2016 ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар сандуқи қарзии низоми бонкӣ 47,6%-ро ташкил дода бошанд, пас ҳиссаи ин шакли қарз дар сандуқи қарзӣ соли 2025 ба 7,1% расид, ки нишондаҳандаи назаррас мебошад. Таҳлили ин нишондаҳанда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба тозанамоии тавозун аз қарзҳои ғайриқолабӣ дар сатҳи баланд анҷом дода шудааст ва ин сабаб мегардад, ки сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ дар маҷмуъ беҳ гардад. Дар ин давра сатҳи долларикунонии иқтисодиёт низ шадидан поён рафта, ҳиссаи қарзҳо бо асъори миллӣ афзудааст. Соли 2016 ҳаҷми қарзҳои бо асъори хориҷӣ барои муштариён пешниҳодгардида ба 65,3% баробар гардида, соли 2025 бошад нишондиҳандаи мазкур то ба ҳадди 27,2% расидааст, ки бозгӯкунандаи ҳолати рушди молиявӣ ва устуворгардии пули миллӣ – сомонӣ мебошад.

Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2016-2025)

Нишондиҳандаҳо	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2025
1. Меъёри кифоятии сармоя										
Сармояи танзимшаванда нисбат ба дороиҳо бо назардошти хавф баркашидашуда	13,1%	17,0%	22,9%	22,1%	19,9%	18,2%	23,4%	25,3%	21,3%	21,8%
Сармояи танзимшавандаи дараҷаи 1 нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда	10,6%	26,7%	28,1%	29,2%	26,3%	23,5%	19,0%	19,1%	17,1%	17,8%
2.Сифати дороиҳо (2)										
Қарзҳои ғайрифаъол тарҳи фондҳои ташаккулдода нисбат ба сармояи танзимшаванда	66,7%	105,5%	36,6%	23,1%	19,0%	16,2%	3,2%	-0,5%	1,0%	3,0%
Қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба қарзҳои умумӣ	26,3%	47,6%	36,5%	31,1%	27,0%	23,8%	13,7%	12,2%	12,7%	7,1%
3.Даромаднокӣ										
Даромаднокии дороиҳо (ROA) (3)	0,8%	-2,8%	0,5%	1,9%	2,1%	2,5%	1,1%	5,9%	3,7%	3,8%
Даромаднокии сармоя (ROE) (3)	5,5%	-21,0%	1,7%	7,0%	7,6%	9,1%	4,8%	28,3%	19,2%	20,7%
Даромади фоизии холис нисбат ба даромади умумӣ	52,2%	63,7%	65,2%	65,3%	66,3%	73,5%	60,9%	42,6%	62,0%	57,5%
Хароҷотҳои ғайрифоизӣ нисбат ба даромади умумӣ	63,7%	131,4%	61,7%	56,0%	60,2%	61,9%	64,6%	49,3%	54,7%	54,6%
4.Пардохтпазирӣ										
Дороиҳои пардохтпазир нисбат ба дороиҳои умумӣ	24,1%	30,9%	30,1%	30,8%	27,7%	30,0%	31,9%	43,4%	37,2%	40,0%
Дороиҳои пардохтпазир нисбат ба уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат	70,4%	83,9%	73,8%	72,3%	67,4%	70,5%	87,7%	94,9%	81,0%	78,3%
5.Ҳассосият ба хавфи бозорӣ										
Мавқеи кушодаи асъории холис нисбат ба сармояи танзимшаванда	-17,3%	-10,0%	-9,5%	-9,6%	-1,1%	-11,5%	4,7%	2,3%	2,7%	0,7%
6.Иловагӣ										
Сармояи тавозунӣ нисбат ба дороиҳои умумӣ	12,1%	25,5%	26,6%	27,0%	27,4%	26,3%	20,9%	19,5%	18,3%	17,8%
Қарзҳои калон нисбат ба сармояи танзимшаванда	139,9%	132,0%	72,2%	62,9%	71,8%	73,5%	68,0%	53,5%	58,4%	45,9%
Даромад аз амалиётҳои савдо ва фӯруш нисбат ба даромади умумӣ	11,9%	-6,5%	11,2%	15,7%	14,3%	6,1%	7,8%	1,0%	0,3%	19,6%
Хароҷотҳои кормандон нисбат ба хароҷотҳои ғайрифоизӣ	56,8%	55,3%	56,9%	58,7%	60,0%	58,6%	58,7%	55,0%	59,8%	57,9%
Амонатҳо нисбат ба сандуқи қарзии умумӣ	78,6%	96,4%	111,8%	115,4%	102,5%	107,6%	87,2%	117,0%	111,5%	122,1%
Қарзҳо бо асъори хориҷӣ нисбат ба қарзҳои умумӣ	65,3%	63,8%	61,0%	57,2%	50,5%	43,2%	34,0%	29,0%	33,2%	27,2%
Уҳдадориҳо бо асъори хориҷӣ нисбат ба уҳдадориҳои умумӣ	70,0%	67,1%	60,3%	53,2%	46,7%	48,2%	49,4%	46,2%	47,6%	43,3%

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [9]

Коҳишёбии ҳиссаи қарзҳо бо асъори хориҷӣ барои устувории пули миллӣ кӯмак намуда, талаботро ба доллари амрикоӣ кам мегардонад, ки ин омил боси мешавад, то қурби пули миллӣ мустаҳкам гардад. Ҳамчунин, хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои молиявӣ коҳиш ёфта, омилҳои берунӣ, алалхусус таъсири буҳронҳои молиявӣ ба низоми бонкии кишвар камтар гардида, пеши роҳи таваррум дар иқтисодиёти мамлакат гирифта мешавад.

Нишондиҳандаҳои вижаи низоми бонкӣ, ки даромаднокӣ ва истифодаи самараноки дороиҳо ва сармоя дониста мешавад дар ин давра ба таври бесобиқа боло рафтааст. Даромаднокии дороиҳои низоми бонкӣ (ROA) дар соли 2017 ба -2,8% баробар гардид, ки инро метавонем бо буҳрони молиявии соли 2016 алоқаманд намоем, зеро зимни ин буҳрон якқатор бонкҳои низомсоз (ҶСК "Агроинвестбонк", ҶСК "Тоҷиксодиротбонк", ҶСП "Фононбонк", ҶСП "Тоҷпромбонк") пардохтпазирии худро аз даст дода, ба ҳолати бади молиявӣ гирифтор гардидаанд, ки он ба дигар ташкилотҳои қарзӣ низ бетаъсир намонд. Баъдан, давоми солҳои 2018,2019,2020,2021,2022,2023 ва 2024 сатҳи даромаднокии дороиҳо ва даромаднокии сармоя дар низоми бонкии мамлакат зина ба зина афзуда, дар соли 2025 нишондиҳандаҳои мазкур то ҳадди максималӣ расонида шудаст. Дар соли 2025 даромаднокии сармоя **(ROE)** ба 20,7% ва даромаднокии дороиҳо ба **(ROA)** ба 3,8% баробар гардидааст, ки аз суботи низоми бонкӣ дарак медиҳад.

Афзоишёбии сатҳи даромаднокии дороиҳо ва сармояи низоми бонкӣ аз нигоҳи аввал агар ба зиёдшавии фоидаи ташкилотҳои қарзӣ ишора намояд, дар навбати дуюм ин омил боис мешавад, ки захираҳои бонк таҳким ёфта, ҳиссаи ташктлотҳои қарзӣ дар пешинҳоди қарзҳо ва сармоягузории иқтисодиёт ба маротиб зиёд шавад. Инчунин ин омил гувоҳи он аст, ки ташклиотҳои қарзӣ бо рақамикунонии амалиёт хароҷотҳои ғайрифоизиро ба таври амиқ коҳиш додаанд ва барои ба даст овардани як сомонӣ хароҷоти камтарин доранд *(хароҷотҳои ғайрифоизии ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2025 аз 131,4%- соли 2016 то ба 54,6% кам гардидааст).* Зиёдшавӣ ва коҳишёбии хароҷотҳои амалиёти бонкӣ барои ташкилотҳои қарзӣ шароити кам гардонидани фоизи қарзиро ба вуҷуд меорад, ки заминаи муҳим дар рушди иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегардад. Нишондиҳандаи пардохтпазирӣ низ дар даври солҳои 2016-2025 устувор гардида, ҳиссаи захираҳои пардохтпазир дар қисмати сармояи тавозуни ташкилотҳои қарзӣ афзудааст. Дар давраи таҳлилӣ (2016-2025) ҳиссаи дороиҳои пардохтпазири умумии низоми бонкӣ ба таври назаррас боло рафт, ки ин омил боис мешавад, то қобилияти саривақт иҷро намудани вазифаҳои ташкилотҳои қарзӣ таҳким ёфта, суботи молиявии бонкҳо таъмин шавад. Соли 2025 дороиҳои пардохтпазири низоми бонкӣ ба 40,0% расид, ки соли 2016 ҳиссаи дороиҳои пардохтпазир дар қисмати умумии дороиҳо 24,1%-ро ташкил медод. Мустаҳкам гардидани ҳолати пардохтпазирии низоми бонкӣ на танҳо барои ташкилотҳои қарзӣ заминаи устувории молиявиро ба вуҷуд меорад, балкӣ имкон медиҳад, ки боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ боло равад, ҳисоббаробаркуниҳо дар иқтисоди миллӣ бидуни монеа татбиқ карда шаванд, эътимоднокии ташкилотҳои қарзӣ афзояд ва буҳронҳои мухталифи иқтисодӣ-молиявӣ пешгирӣ гарданд.

Устувории молиявӣ ва таъмини суботи доимии молиявӣ барои низоми бонкӣ имконияти васеъифаъолиятро фароҳам оварда, ҷараёни ташаккули воҳидҳои сохторӣ, азнавсармоякунонии фаъолият ва таҳкими захираҳои молиявиро амалан иҷро менамояд. Махсусан дар шароити муосири иқтисодӣ, ки талабот ба захираҳои молиявӣ афзуда истодааст ва сармоягузории иқтисоди воқеӣ асоси фаъолияти институтҳои молиявӣ дониста мешавад, тақвияти нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Таъмини даромаднокӣ ва ба ин васила афзоишдиҳии сармояи ташкилотҳои қарзӣ аз муҳимтарин ҷузъҳои фаъолияти низоми бонкӣ маҳсуб ёфта, ҳамгироии байналмилии низоми бонкиро асос мегузорад. Дар ин самт бояд таваҷҷуҳи бештари роҳбарони (менеҷерҳо) ташкилотҳои қарзӣ равона гардад, то барои ҷалби бештари маблағҳои муваққатан озоди аҳолӣ роҳу воситаҳои мухталифро ба кор бурда, дар баробари ин самранокии истифодаи онҳоро таъмин намояд. Ҳадафмандона инстифода намудани захираҳои мавҷуда дар шароити муосири иқтисодӣ аз вазифаҳои калидии ташклиотҳои қарзӣ арзёбӣ мегардад (ҷадв.4).

Ҷадвали 4. Ҳаҷми умумии нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2015–2025 бо млн. сомонӣ)

Нишондињандањо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2025	2025/2015 (таѓйирот,%)
Дороињо	12653	14854	18639	21187	20932	21201	21976	26307,4	22414,74	30030,66	37679,52	+298,4 б.ф.
Бо % нибат ба ММД	31,22	32,57	38,51	38,86	34,28	30,80	28,41	31,87	22,66	25,94	31,76	+0,54 б.ф.
Дороињои пардохтпазир	2853	2960	4484	6482	6283	6472	6068	7916,02	7223,86	12955,86	13868,25	+492,8 б.ф.
Бо % нисбат ба ММД	7,04	6,49	9,26	11,90	10,28	9,40	7,84	9,59	7,30	11,19	11,69	+4,65 б.ф.
Ќарзњо, њамагї	7399	9661	11229	9823	8506	8677	9703	10882,50	11970,36	13577,58	17844,84	+243,8 б.ф.
Бо % нисбат ба ММД	18,26	21,18	23,20	18,03	13,92	12,60	12,54	13,18	12,10	11,73	15,04	–3,22 б.ф.
Ќарзњо бо асъори хориљї	4182	5087	5917	4788	5017	4828	4762	4 594,92	3961,66	3861,22	5839,25	+39,6
Ќарзњои батаъхир афтода	673	1163	2039	3441	2014	1994	1476	1 278,76	385,05	2203,71	3022,95	+349 б.ф.
Сармоягузорињо, њамагї	204	227	276	1604	2172	2427	2232	2 672,06	771,38	542,35	318,52	+56,1 б.ф.
Воситањои асосї	1387	1576	1991	3176	4200	4207	4149	4 616,49	1816,40	1899,38	2233,06	+61 б.ф.
Дигар дороињо	1310	1671	2316	1925	1571	1514	1652	2 150,66	2100,36	2704,99	5592,34	+326,8 б.ф.
Уњдадорињо+сармоя	12653	14854	18639	21187	20932	21201	21976	26 307,44	22414,74	30030,66	37679,52	+197,7 б.ф.
Уњдадорињо	10063	12508	16222	15690	15207	15287	15749	19 131,70	17339,05	23731,65	30318,83	+201,2
Пасандозњо	5519	6691	8614	8244	9283	9724	9682	11 414,22	10159,28	15507,83	19462,63	+252,6 б.ф.
Сармоя	2590	2346	2417	5497	5725	5913	6226	7 175,74	5075,69	6299,01	7360,69	+184,1 б.ф.
Бо % нисбат ба ММД	6,39	5,14	4,99	10,09	9,37	8,59	8,05	8,69	5,13	5,44	6,20	–0,19 б.ф.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [8,9,10].

Таҳлилҳо собит мекунанд ва инъикос менамоянд, ки низоми бонкии мамлакат дар давраи солҳои 2015-2025 зина ба зина рушди ёфтааст ва нишондиҳандаҳои молиявӣ болоравии назаррасро соҳиб гардидаанд. Ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки тамоюли рушди нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ бомаром боло рафта, суботи доимиро таъмин намудаанд. Нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ, бахусус дороиҳо дар давоми солҳои таҳлилӣ (2015-2025) бо суръати баланд рушд ёфта, 298,4%, ё ин, ки 3 маротиба афзоиш ёфтааст. Афзоишёбии дороиҳои низоми бонкӣ метавонад, ки имконоти молиявии ташкилотҳои қарзиро таҳким бахшида, иқтидори молиявиро пурзӯр гардонад. Бо ташаккули дороиҳои низоми бонкӣ иқтидори молиявии институтҳои молиявӣ афзуда, ҳиссаи қарзҳо барои субъектҳои иқтисодӣ зиёд мегардад, ҳамзамон фаъолияти ташкилоту корхонаҳо устувор шуда, нархи қарзҳои бонкӣ метавонад коҳиш ёбад. Ҳолати ҷалби уҳдадориҳо низ дар низоми бонкии кишвар назаррас мебошад. Агар соли 2015 ҳаҷми умумии уҳдадориҳо дар низоми бонкӣ маблағи 10,6 млн. сомониро ташкил дода бошад, пас нишондиҳандаи мазкур то соли 2025 ба 30,3 млн. сомонӣ расидааст. Дар ин давра афзоишёбии уҳдадориҳои низоми бонкӣ 201,2%-ро ташкил медиҳад. Ба таври динамикӣ афзоишёбии қисмати ӯҳдадориҳои тавозуни ташкилотҳои қарзӣ аз фаъолияти самаранок ва густурдаи институтҳои молиявӣ ҷиҳати ҷалби маблағҳои муваққатан озод дарак медиҳад. Афзоишёбии ӯҳдадориҳои низоми бонкӣ бо болоравии сатҳи эътимоднокии институтҳои молиявӣ ва такмили низоми ҷалби пасандозҳо алоқамандии бевосита дорад. Таи 10 соли охир (2015-2025) ба андозаи 2 маротиба зиёд шудани ӯҳдадориҳои низоми бонкӣ бо якчанд омилҳои бунёдӣ алоқаманд буда, баҳри пешрафт ва таҳкимёбии иқтисоди воқеӣ заминаи муҳим хоҳад гузошт. Зиёдшавии қисмати ӯҳдадориҳои низоми бонкӣ барои афзунсозии сармояи қарзӣ ва пешниҳоди қарзҳои мухталиф ба иқтисоди миллӣ шароити муносиб ба вуҷуд оварда, имкон медиҳад, ки нархи қарзҳои бонкӣ поён бурда шавад ва соҳибкории хурду миёна ривоҷ ёбад. Иҷроиши саривақтии пардохтҳо, таъмини падохтпазирӣ, таҳкимёбии эътимоднокии институтҳои молияию қарзӣ ва ба гардиш ворид намудани маблағҳои муваққатан озод аз ҳаҷми ӯҳдадориҳои низоми бонкӣ вобаста мебошад. Маълумотҳои оморӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки низоми бонкӣ тайи солҳои 2015-2025 ба натиҷаи назаррас дар самти ҷалбу истифодаи маблағҳои муваққатан озоди муштариён ноил гардидааст.

Маълум аст, ки нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкӣ дар маҷмӯъ рӯ ба инкишоф ниҳода, рушди босуботонаро касб намудаанд, вале дороиҳои низоми бонкӣ нисбат ба ММД то ҳол қаноаткунанда нест. Дар соли 2025 ҳиссаи дороиҳои низоми бонкӣ нисбат ба ММД 31,7%-ро ташкил дод. Барои низоми иқтисодии кишварҳои рӯ ба инкишоф (аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон) зарур дониста мешавад, ки ҳиссаи дороиҳо нисбат ба ММД тақвият дода шавад, чунки таҳкими дороиҳои низоми бонкӣ барои афзоишёбии сатҳи захираҳои институтҳои молиявӣ, устувории молиявӣ ва дастрасии муштариён ба маҳсулотҳои бонкӣ таъсири мусбӣ расонида, рушди иқтисоди воқеиро таъмин месозад. Ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ, ба роҳ мондани рушди соҳибкории хурду миёна ва фарогирии молиявии аҳолӣ бо бузургии дороиҳои низоми бонкӣ алоқамандии бевосита дорад. Барои ин ташкилотҳои қарзиро лозим меояд, ки азнавсармоягузориро аз ҳисоби саҳҳомон суръат бахшида, афзоиши динамикии дороиҳоро амалӣ гардонанд.

Дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои тиҷоратӣ аз муҳимтарин институтҳои молиявӣ маҳсуб дониста шуда, барои тақвияти иқтисоди воқеӣ ва таъмини соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ бо захираҳои қарзӣ, ҳамчунин сармоягузориҳои лоиҳаҳои мухталиф заминаи муҳимро ба вуҷуд меоранд. Бонкҳои тиҷоратӣ ҳиссаи зиёди дороиҳои низоми бонкиро идора намуда, ба ҳайси сармоягузори асосии бозори молиявӣ дониста мешаванд. Ҳиссаи зиёди дорои низоми бонкӣ дар зертобеи бонкҳои тиҷоратӣ мебошад, ки ин омил боис мегардад, то мавқеи онҳо дар низоми бонкӣ устувор гардида, рақобати солим аз байн равад. Институтҳои танзимкунандаи ниоми бонкиро лозим аст, ки барои таъмини рақобати шаффоф ва тамаркузи дороиҳои низоми бонкӣ миёни ташкилотҳои қарзии амалкунанда чораҳои заруриро андешида, барои татбиқи сиёсати молиявии самаранок кӯшиш ба харҷ диҳанд (ҷадв.5).

Љадвали 5. Нишондињандањои молиявии бонкњои тиҷоратии Ҷумҳурии Тољикистон дар соли 2025

Номгӯи бонкҳо	Дороиҳо (млн. сом.)	Ӯҳдадориҳо (млн. с)	ROA	ROE	Меъ. Пардохтпазирии љорӣ (К2.1, %)	Филиалњова МХБ (миќдор)	Банкоматњо (шумора)
ЉСК «Ориёнбонк»	4 599,3	3 007,2	4,5%	13,1%	59,9%	286	195
ЉСК «Бонки Эсхата»	9 359,2	7 840,3	5,1%	31,3%	78,3%	137	351
КВД БА ЉТ «Амонатбонк»	11 008,8	9 917,2	1,4%	13,7%	76,3%	622	385
ҶСК «Тавҳидбонк»	497,2	368,5	2,2%	9,7%	86,2%	36	63
ҶСП «Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон»	1 538,5	1 236,2	2,6%	13,2%	74,3%	48	68
Филиали бонки “Тиҷорат”-и ҶИЭ	99,9	52,4	2,5%	5,2%	133,4%	-	-
ҶСП «Актив Бонк»	884,3	756,8	2,2%	14,9%	78,4%	18	63
ҶСП Бонки «Арванд»	1 962,7	1 643,8	3,4%	21,0%	78,4%	73	85
ҶСК «Спитамен Бонк»	2 749,7	2 328,0	2,1%	13,6%	92,1%	88	98
ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон»	6 137,3	4 960,8	10,8%	56,1%	89,8%	40	109
ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон»	1 974,4	1 543,0	3,1%	14,2%	78,0%	71	189
ҶСК «Алиф Бонк»	2 802,5	2 420,4	5,5%	40,2%	70,3%	22	395
ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон»	260,5	202,1	0,1%	0,4%	96,0%	5	24
КВД БССТ «Саноатсодиротбонк»	1 291,5	574,2	3,9%	7,0%	284,8%	12	27
ҶСП «Душанбе Сити Бонк»	4 435,1	3 921,4	1,8%	15,9%	82,6%	17	785
ҶСП «Фридом Бонк»	253,9	179,2	-	-	117,7%	1	6
ҶСП «Ҳумо Бонк»	2,791,0	2 118,9	5,4%	30,6%	76,8%	82	149
ҶСП «Васл Бонк»	390,6	247,6	7,1%	19,3%	104%	6	270
ҶСП Бонки «Имон Интернешнл»	2 579,4	2 161,9	2,8%	17,5%	106,6%	114	99

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои сомонаи БМТ-нишондињандањои молиявии бонкњо (www.nbt.tj санаи мурољиат 15.03.2026) ва мақаллаи “Бонкдорӣ, Тараққиёт, Ҷаҳонишавӣ” №4(99)-2026, с. 72-76. таҳия шудааст.

Нишондиҳандаҳои омории дар ҷадвал овардашуда гувоҳӣ медиҳанд, ки бонкҳои тиҷоратӣ мавқеи калидиро дар низоми бонкӣ соҳиб буда, институтҳое маҳсуб меёбанд, ки қисмати бузурги дороиҳо, сармоя ва пасандозҳоро дар идораи худ қарор додаанд.

Ҷадвали дар боло овардашуда вазъи муосири дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва самаранокии молиявии бонкҳои тиҷоратӣ оварда шудааст. Дар асоси таҳлили ҷадвали 9 қайд намудан мумкин аст, ки бонкҳои тиҷоратӣ мавқеи асосиро дар идоракунии дороиҳои низоми бонкӣ доро мебошанд. Таҳқиқи адабдиёти соҳавӣ бармало нишон медиҳад, ки истеҳкоми низоми бонкӣ аз сатҳи рақобатнокии институтҳои молиявӣ вобаста мебошад ва тамаркузи сармоя

миёни ташкилотҳои қарзӣ бояд риоя карда шавад. Таҳлили вазъи молиявии низоми бонкӣ ва махсусан дороиҳои низоми бонкӣ возеҳ нишон медиҳад, ки аз 59 242,1 млн. сомонӣ, ки ҳаҷми умумии дороиҳои низоми бонкӣ мебошад, 55 615,8 млн. сомонии он дар идораи бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Яъне бонкҳои тиҷоратӣ 93,8 фисади дороиҳои низоми бонкии мамлакатро дар идораи худ доранд. Чунин ҳола, яъне дар дасти бонкҳои тиҷоратӣ вуҷуд доштани 93,8% агар монополия ҳам ҳисобида нашавад, дорои ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии худ мебошад. Чунин ҳолат барои бозори молияии як кишвар метавонад вазъи олиполиро ба вуҷуд оварда, тамаркузи асосии дороиҳоро дар як самт инъикос намояд. Таҳлилҳо собит карданд, ки аз 19 бонки тиҷоратӣ қисми зиёди дороиҳо ба 5 бонки тиҷоратӣ (*Амонатбонк, Бонки Эсхата, Бонки байналмилалии Тоҷикистон, Алиф Бонк, Ориёнбонк*) рост меояд. Ин амал метавонад, ки барои олигополия намудани ин ё он сегменти бозори молиявӣ таъсиргузор бошад. Ҷанбаи манфие, ки дар чунин вазъият метавонад ба миён ояд, ин дар сатҳи зарурӣ рушд наёфтани дигар институтҳои молиявӣ мебошад. Агар қисмати зиёди дороиҳоро бонкҳои тиҷоратии бузург дар зертобеияти худ дошта бошанд, пас фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд ва дорои сармояи ночиз дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо мушкилӣ рӯ ба рӯ гардида, онҳо наметавонанд, ки бо бонкҳои тиҷоратӣ рақобат намоянд. Дар алоқамандӣ ба ин, фаъолияти институтҳои молиявии мазкур зери суол рафта, онҳо имконияти фаъолиятро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз даст медиҳанд ва ё муфлис мегарданд. Ин омил боис мегардад, ки бонкҳои тиҷоратӣ бозори хизматрасониҳои бонкиро пурра зери тобеияти худ нигоҳ доранд ва сиёсати молиявии худро пурра амалӣ намоянд. Ҷиҳати таҳлил амиқ ва баррасии муфассали вазъи рақақобатпазирӣ ва сатҳи тамаркузи дороиҳои низоми бонкии мамлакат индекси Херфиндал – Хиршман HHI – ро мавриди истифода қарор медиҳем. Барои таҳлили ҳолат ва баҳодиҳии сатҳи тамаркуз тариқи индекси болоқайд ҳиссаи бонкҳои тиҷоратиро вобаста ба идоранамоии дороиҳо дар бозори бонкӣ муайян намудем (ҷадвали 6).

Ҷадвали 6. Ҳиссаи бонкҳои тиҷоратӣ вобаста ба идоракунии дороиҳои низоми бонкӣ (барои соли 2025)

№	Номгӯйи бонкҳои тиҷоратӣ	Дороиҳо (бо млн. сомонӣ)	Ҳиссаи бонк дар бозор
1	КВД БА ҶТ «Амонатбонк»	11 008,8	18,58%
2	ҶСК «Бонки Эсхата»	9 359,2	15,80%
3	ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон»	6 137,3	10,36%
4	ҶСК «Ориёнбонк»	4 599,3	7,76%
5	ҶСП «Душанбе Сити Бонк»	4 435,1	7,49%
6	ҶСК «Алиф Бонк»	2 802,5	4,73%
7	ҶСП «Ҳумо Бонк»	2 791,0	4,71%
8	ҶСК «Спитамен Бонк»	2 749,7	4,64%
9	ҶСП Бонки «Имон Интернешнл»	2 579,4	4,35%
10	ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон»	1 974,4	3,33%
11	ҶСП Бонки «Арванд»	1 962,7	3,31%
12	ҶСП «Бонки сармоягузорӣ ва қарзӣ»	1 538,5	2,60%
13	КВД БССТ «Саноатсодиротбонк»	1 291,5	2,18%
14	ҶСП «Актив Бонк»	884,3	1,49%
15	ҶСК «Тавҳидбонк»	497,2	0,84%
16	ҶСП «Васл Бонк»	390,6	0,66%
17	ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон»	260,5	0,44%
18	ҶСП «Фридом Бонк»	253,9	0,43%
19	Филиали бонки “Тиҷорат”-и ҶИЭ	99,9	0,17%
—	**Дигар ташкилотҳои қарзӣ**	**3 626,3**	**6,12%**
Ҳамагӣ	**Низоми бонкӣ (дар маҷмӯъ)**	**59 242,1**	**100,00%**

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои сомонаи БМТ (www.nbt.tj).

Бо истифодаи маълумотҳои дар ҷадвали 10 овардашуда имкон аст, ки индекси HHI – ро таҳия намуда, сатҳи тамаркузи дороиҳои низоми бонкиро мушаххас намоем. Индекси HHI бо формулаи зерин татбиқ карда мешавад:

$$HHI = \Sigma Y_i^2,\ i = 1, 2,...,n. \quad (1)$$

Дар инҷо: HHI – индекси Ҳерфиндал – Хиршман; Y_i – ҳиссаи ташкилот дар соҳа бо фоиз; n – шумораи ташкилотҳои қарзии фаъолиятбарандаи низоми бонкӣ. Дар баробари ин, меъёри баҳодиҳӣ ба нишондиҳандаи индекси **Херфиндал – Хиршман (HHI)** чунин арзёбӣ карда мешавад:

1. **HHI** < 1000 – тамаркузи паст (бозор дорои сатҳи рақобати шаффоф мебошад);
2. **1000 ≤ HHI ≤** 1800 **–** тамаркузи миёна дар бозор амал менамояд;
3. **HHI** > 1800 – дар бозори тамаркузи баланд амал менамояд ва ҳолати монополӣ ва ё олигополӣ вуҷуд дорад.

Тибқи методикаи ҳисоби индекси **Херфиндал – Хиршман** зарур аст, ки барои муайян намудани ҳиссаи бонкҳои тиҷоратӣ дар қисмати асосии дороиҳои низоми бонкӣ суммаи дороиҳои ташкилотҳои мазкур ҷамъ карда шавад.

HHI = 345,22+249,64+107,33+60,22+56,10+22,37+22,18+21,53+18,92+11,09+10,96+6,76

HHI = 940,84

Аз натиҷаи дар боло овардашуда дидан мумкин аст, ки сатҳи тамаркуз дар бозори мӯътадил мебошад, вале новобаста аз ин 3 бонки низомсоз (КВД БА ҶТ “Амонатбонк”, ҶСК “Бонки Эсхата”, ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон”) ҳиссаи афзалиятноки дороиҳои низоми бонкиро дар даст доранд. Агар мутобиқи стандартҳои байналмиллӣ чунин вазъро таҳлил намоем, пас маълум мешавад, ки дар бозор вазъи монополӣ вуҷуд надорад, вале ҳолати олигополӣ ба назар мерасад. Зеро 3 бонки аввал бештар аз 44,7 фисади дороиҳоро дар даст доранд ва 5 бонки аввал зиёдтар аз 60 фисади дороиҳоро зери итоати худ қарор додаанд.

Чунин сурат гирифтани ҳолат ба бонкҳои тиҷоратии хурд баъзе монеаҳои сунъиро ба вуҷуд меоранд ва онҳо наметавонанд, ки сиёсати молиявии таҳиянамудаи худро ба таври комил иҷро намоянд. Аз ҷумла мушкилоте, ки барои рушди бонкҳои тиҷоратии хурд монеа ба вуҷуд меорад, ин пеш аз ҳама рақобати носолим дар самти пешниҳоди хизматрасониҳо. Масалан ин бонкҳо наметавонанд, ки бо бонкҳои бузург дар самти ташкили банкоматҳо, марказҳои хизматрасонӣ рақобат намоянд, зеро бонкҳо бузург бо сармояи бузург имкониятҳои бештар на танҳо дар самти пешниҳоди хизматрасониҳо, балкӣ дар самти истифодаи технологияи муосир (Финтех) дошта бошанд ва инфрасохтори худро таквият бахшанд. Иловатан бояд қайд намуд, ки бонкҳои тиҷоратии хурд дар бозори пасандозҳои бонкӣ низ бо бонкҳои бузург рақобат карда наметавонанд. Ин ҳолат муштариёнро ба он водор месозад, ки пасандозҳоро бештар ба бонкҳои бузург гузоранд. Чунки инфрасохтор дар бонкҳои мазкур рушд ёфтааст ва дар минтақаҳои дурдасти кишвар бештар воҳидҳои сохтории ин бонкҳо амал менамоянд. Ин омил боиси дар монополия қароргирии муштариён гардида, ба манфиати бонкҳои бузург мегардад. Дар чунин ҳолат бонкҳои хурд барои ҷалби сармоя фоизи онро баланд мебардоранд, ки ба сатҳи даромаднокии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Хулоса. Дар заминаи таҳлилҳои овардашуда ба чунин хулоса омадан зарур аст, ки ҳангоми аз ин нишондиҳанда зиёдтар гардидани дороиҳои 3 бонк аввал эҳтимолияти зиёди ба вуҷуд омадани монополия мавҷуд ва аз он бояд пешгирӣ карда шавад. Ҳолати кунуниро, ки дар заминаи он бонкҳои бузург бозорро ба манфиати худ истифода намуда истодаанд, агар дар шакли ҷадвал пешниҳод намоем, пас чунин вазъ ба назар мерасад (ҷадв.7)

Ҷадвали 7. Ҳолати низоми бонкӣ дар заминаи таҳлилҳо бо истифода аз усули Херфиндал-Хиршман

ҶАНБАҲОИ КАЛИДӢ	ОҚИБАТҲОИ ЭҲТИМОЛӢ БАРОИ НИЗОМИ БОНКӢ	ОҚИБАТҲОИ ЭҲТИМОЛӢ БАРОИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ
Устуворӣ	Зимни буҳронҳои молиявӣ бонкҳои бузург имконияти муфлисшавиашон камтар мебошад. Зеро дорои сармояи калонҳаҷм	Аз байн рафтани як бонки бузург метавонад, ки ба кулли соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсир расонад

	мебошанд ва буҳронҳои гуногун тоб меоранд.	ва иқтисодиётро фалаҷ гардонад. (чунин таҷриба дар кишварҳои зиёде вуҷуд дошт).
Инноватсия	Бонкҳои бузурге ба мисли Алиф, Эсхата ва IBT сармояи зиёдеро дар идораи худ доранд ва бо инфрасохтори пешрафта сатҳи рақобнокиашон боло меравад.	Рақобат дар самти нархгузории маҳсулотҳои бонкӣ зери шубҳа қарор мегирад ва нархҳо боло мераванд.
Дастрасӣ	Шабакаи васеъи филиалҳо, марказҳои хизматрасонӣ ва банкоматҳо дар тамоми кишвар.	Ташкилотҳои қарзии хурд наметавонанд рушд кунанд ва рақобат намудан наметавонанд.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Хулоса. Маҷмуъан, лозим ба қайд аст, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи 10 соли охир ба мушкилоти буҳрони гирифтор гардида, натавонист, ки иқтидори молиявиро тақвият бахшад, ки омил ба дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ низ бетаъсир намон. Вале новобаст аз ин, давоми солҳои 2020-2025 рушди бемайлони низоми бонкӣ ба назар мерасад, ки аз фаъолияти густурда ва самараноки он гувоҳӣ медиҳад. Шумораи ташкилотҳои қарзӣ низ пас аз буҳронҳои молиявии солҳои 2014-2016 рӯ ба афзоиш ёфтаанд, ки агар дар мадди аввал ба афзоишёбии воҳидҳои сохторӣ сабаб гардида бошад, дар навбати дуюм имкон дод, ки фарогирии молиявӣ дар кишвар мӯътадил гардад. Масъалаи муҳиме, ки инҷо зарур аст бояд матраҳ намоем, ин афзудани дороиҳои низоми бонкӣ мебошад. Дороиҳои низоми бонкӣ бонкӣ дар 5 соли охир ба андозаи 2,2 маротиба зиёд гардиданд, ки аз фаъолияти назарраси ташкилотҳои қарзӣ гувоҳӣ медиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Банковский менеджмент: учебник / под ред. О.И. Лаврушина. М.: КНОРУС. 2009, - 560 с.
2. Ганиев, Р. Г. Предпосылки и особенности цифровой трансформации банковского сектора в современных условиях / Р. Г. Ганиев // Роль филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе в развитии науки и образования : Материалы Международной научно-практической конференции XIV Ломоносовские чтения, Душанбе, 22–23 ноября 2024 года. – Душанбе: Московский государственный университет имени М.В. Ломоносова, 2024. – С. 434-447.
3. Ганиев, Р.Г. Классификация банковских рисков в современных условиях / Р.Г. Ганиев // Вестн. Тадж. нац. ун-та. – 2015. – № 2/2. – С. 12 – 17.
4. Ганиев Р.Г. Модернизация банковских услуг населению в условиях рыночной экономики. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. -204 с.
5. Иванов А.Н. Банковские услуги: зарубежный и российский опыт. М.: Финансы и статистика. 2002. 173 с.
6. Моргоев Б. С. Исследование рынка банковских услуг в Российской Федерации // Финансы и кредит. 2008. №1.
7. Трифонов Д.А. Новые явления в концентрации банков и диверсификация банковской деятельности // Вестник Оренбургского государственного университета. – 2022. - № 8. – С. 146-150.
8. Манбаи электронӣ: https://nbt.tj/files/bankingsystem/overview_banking/ hisobot_ dar_borai_ ijroishi_ strategiya_ tj.pdf. (Санаи дастрасӣ 18.09.2026).
9. https://www.nbt.tj/tj/banking_system/nadzor.php (санаи муроҷиат: 18.09.2026)
10. https://kapital.kz/finance/134175/skol-ko-zarabotali-kazakhstanskiye-banki-v-2024-godu.html (санаи дастрасӣ: 25.08.2026).
11. https://raexpert.ru/researches/banks_uzb_2026/(санаи дастрасӣ: 25.08.2026).
12. Шарипов, Б. М. Анализ конкуренции на рынке банковских услуг Республики Таджикистан и методы ее снижения / Б. М. Шарипов, З. Х. Нуруллоев // Вестник Российского экономического университета имени Г.В. Плеханова. – 2014. – № 4(70). – С. 101-109. – EDN SCKSPB.